# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА–093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295)**

**Парвандаи аттестатсионии № ________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 12 ноябри соли 2025, № 27**

Бораи сазовор донистани Шодмонзода Орзу Шодмон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик).

Диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони шуравӣ ва давраи истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) 3-юми сентябри соли 2025, протоколи №14-и шурои диссертатсионии 6D.КОА–093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд.) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шодмонзода Орзу Шодмон 27 феврали соли 1985 дар ноҳияи Данғара дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Ӯ соли 2008 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст. Шодмонзода Орзу Шодмон айни ҳол муаллими калони кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Убайдулло Насрулло Каримзода.

Муқарризони расмӣ: Ализода Бахриддин Пирмуҳаммад-доктори илмҳои таърих, иҷрокунандаи вазифаи профессор, директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Начмиддинов Толибшо Ашурович - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи

давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

Муассисаи пешбар - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби муқарриз, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хуҷасаидова Н.Х. имзо шудааст, қайд гардидааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 15 интишори илмӣ оид ба мазмуни диссертатсия дорад, ки аз ин шумора 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар интишороти диссертант нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Интишороти унвонҷӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА низди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1–М]. Абдулҳақов (Шодмонзода), О. Ш. Маориф-пояи давлат ва давлатдорӣ (дар мисоли н.Данғара) / О. Ш. Абдулҳақов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2020. – № 6(89). – С. 278-280.

[2–М]. Абдулҳақов (Шодмонзода), О. Ш. Шаклҳои пешбурди истеҳсоли кишоварзӣ ва мақоми онҳо дар ислоҳоти институтсиявӣ / Г.М Давлатова, О. Ш. Абдулҳақов , М.Қ. Қураева // Маҷалла илмии тибби Симурғ. – 2021. – № 9(1). – С. 145-150

[3–М]. Абдулҳақов (Шодмонзода), О. Ш. Рушди кишоварзӣ ва соҳаҳои он дар солҳои 50 - ум ва 80 - уми асри ХХ / О. Ш. Абдулҳақов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №. 5. – С. 69-75.

[4–М]. Абдулҳақов (Шодмонзода), О. Ш. Ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара / О. Ш. Абдулҳақов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №. 3. – С. 75-80.

[5–М]. Абдулҳақов (Шодмонзода), О. Ш. Ба маркази саноатӣ табдил ёфтани Данғара / О. Ш. Абдулҳақов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №. 5. – С. 92-99.

[6–М]. Убайдулло, Н. К. Шодмонзода, О. Ш. Дастовардҳои кишоварзони ноҳияи Данғара дар замони истиқлол / Н. К. Убайдулло, О. Ш. Шодмонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №. 12-2. – С. 81-88.

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳо чоп шудаанд:**

[7–М]. Абдулҳақов, (Шодмонзода) О. Ш. Саҳми ҷавонон дар рушд ва ташаккули корхонаҳои саноатии кишвар / О. Ш. Абдулҳақов // конференсияи умумидонишгоҳии илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва аспирантону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Данғара бахшида ба «20-солагии Ваҳдати миллӣ» 17-22 апрели соли 2017. — Данғара: 2017. — С. 100-103

[8–М]. Абдулҳақов, (Шодмонзода) О. Ш. Асрори номи Данғара / О. Ш. Абдулҳақов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию амалии ҳайати профессорону омузгӯзгорон, аспирантон, магистрону унвонҷуён ва донишҷуён бахшида ба 27-солагии

истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2018-рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 27-30 апрели соли 2018. — Данғара: 2017. — С. 627-628

[9–М]. Абдулҳақов, (Шодмонзода) О. Ш. Аз таърихи бонкдории Осиёи Миёна / О.Ш. Абдулҳақов, Ш. Ҳасанов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию амалии ҳайати профессорону омузгӯзгорон, аспирантон, магистрону унвонҷуён ва донишҷуён бахшида ба 27-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2018-рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 27-30 апрели соли 2018. — Данғара: 2017. — С. 230-232

[10–М]. Абдулҳақов, (Шодмонзода) О. Ш. Рушди маорифи Данғара дар замони Истиқлолият / О. Абдулҳақов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмю амалии ҳайати профессорону омузгӯзгорон, аспирантон, магистрону унвонҷӯён ва донишҷӯён бахшида ба 27-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2018-рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 27-30 апрели соли 2018. — Данғара: 2017. — С. 624-626

[11–М]. Абдулҳақов, (Шодмонзода) О. Ш. Дастовардҳои фарҳангии Данғара дар замони Истиқлол / О. Абдулҳақов // Маводи конференсияи илмӣ–назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. 15 ноябри 2022. — Душанбе : , 2022. — С. 265-267

[12–М]. Абдулҳақов, (Шодмонзода) О. Ш. Сохтмони аввалин нақби ирригатсионӣ дар ноҳияи Данғара / О. Ш. Абдулҳақов, Н. Мардонова, Г. Давлатова// Масъалаҳои мубрами тибби муосир: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он. Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалии бахшида МДТ "Донишгохи давлатии тибби Хатлон" ва бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 16 декабри 2022. — Данғара: , 2022. — С. 375-376

[13–М]. Абдулҳақов (Шодмонзода), О. Ш. Вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар ибтидои асри XX / О. Абдулҳақов // Маҷаллаи сиёсат, давлат ва ҳуқуқи факултети идораи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлати Данғара. - 2022 - №. 5 (5) - С. 153-156.

[14–М]. Абдулҳақов, (Шодмонзода) О. Ш. Эмомалӣ Раҳмон ва саҳми ӯ дар пешрафти соҳаи илм ва маориф (дар мисоли ноҳияи Данғара) / О. Абдулҳақов // Мақолоти таърихӣ. Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии факултети идораи давлат ва ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлати Данғара. Душанбе: Шоҳин-С, 2022 — С. 144-149

[15–М]. Абдулҳақов, (Шодмонзода) О. Ш. Ривоҷёбии илм дар аҳди Сомониён / О. Ш. Абдулҳақов //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Заминаҳои илмӣ-назариявӣ ва таърихию фалсафии ҳифзи арзишҳои миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ" бахшида ба эълон гардидани соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ" - (8 июни соли 2024). Душанбе: Дониш, 2024 — С. 156-163.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:

1. Ҳомидзода Фурқат Муқим – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Садриддини Айниддин – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

3. Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

4. Холмуродзода М. Б. - номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Такризҳо мусбӣ буда, дар онҳо эродҳо вуҷуд надоранд. Дар тақризҳо ҷанбаҳои навгонии натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот зикр шудаанд. Ҳамчунин, дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) хулосаҳо вуҷуд доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи такриздиҳанда ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) ва доир ба масъалаҳои гуногуни таърихи вазъи иҷтимоиву иктисодӣ ва фарҳангии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, хусусан ноҳияи Данғара дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ: вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ **коркард карда шуд:**

- ***ошкор менамояд, ки*** минтақаи Данғара дар арафаи барқарорсозии Ҳокимяти Шуравӣ яке аз минтақаҳои ақибмондаи Бухорои Шарқии аморати Бухоро буд ва дар натиҷаи дигаргунсозиҳои замони шуравӣ ба маркази алоҳидаи маъмурӣ ва ноҳияи пешрафтаи соҳаи кишоварзӣ табдил ёфт. Таҷрибаи таърихии раванди ин дигаргунсозиҳо барои дарки таърихи гузашта ва корҳои бунёдкунандаву созандаи имрӯза дорои аҳаммияти вижа мебошад

- ***пешниҳод шудааст, ки*** дар кӯтоҳтарин муддат бо шарофати соҳибистиқлолӣ ва фазои озоду мусоиди соҳибдавлатӣ новобаста аз мушкилоту маҳдудиятҳои дохилию берунӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ваҳдату ягонагӣ ноил шуд ва таъсири он дар мисоли рушди як ноҳия муҳимтарин нишондиҳандаи дастовардҳои беназири халқи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад;

- ***исбот шудааст:*** мавкеи ҷуғрофию маъмурии ноҳияи Данғара ва хусусиятҳои хоси он, ташкил ёфтани ноҳияи Данғара ҳамчун воҳиди

маъмурӣ ва шароити иқтисодию иҷтимоии ноҳия дар замони шуравӣ, иқтидори истеҳсолии ноҳия, ҳаёти фарҳангии ноҳияи Данғара ва дастовардҳои он дар замони шуравӣ, буҳрони иқтисодию иҷтимоии ибтидои давраи истиқлолӣ ва таъсири он ба ноҳия, инъикоси тадбирҳо ва омилҳои асосии ба маркази саноатӣ табдил додани ноҳия дар замони истиқлол, инъикоси раванди ислоҳоти соҳаи маориф ва ташаккули низоми таҳсилоти касбӣ, таҳаввулот дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони истиқлол;

- ***ҷорӣ намудани*** натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, пеш аз ҳама «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик» ва курсҳои дигари махсус оид ба таърихи давраи навтарин.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** бори аввал ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар давраи шуравӣ ва истиқлол (1921-2021) мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифт. Натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои илмии рисола ба раванди омӯзиши таърихи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, махсусан омӯзиши таърихи давраи навтарини халқи тоҷик ба мутахассисони соҳаи таърих ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ мусоидат хоҳад намуд. У***сулҳои муосири*** таҳқиқ истифода гардиданд, ки байни онҳо пеш аз ҳама ба принсипи таърихият, воқеънигорӣ ва даврабандии илмии таърихи халқи тоҷик, ки дар асари бунёди шашҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик», асарҳои академик Б. Ғафуров ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инъикос ёфтаанд, афзалият дода шудааст. Ба сифати асосҳои методологӣ маҷмӯи усулҳои таҳлили илмӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таърихӣ-проблемавӣ, ҷуғрофӣ-хронологӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд;

- ***баён шудани*** вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара, ки решаҳои амиқи таърихӣ дошта, дар шароити муосир ба омӯзиши маҷмӯӣ, ҳам аз назари илмӣ ва ҳам амалӣ ниёз доранд;

- ***ошкор гардидани*** заминаҳои асосии таъсиси ноҳияи Данғара, вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар аввали солҳои Ҳокимияти Шуравӣ, рушди масоили иҷтимоиву иқтисодӣ дар давраи шуравӣ, рушди вазъи умумии ноҳияи дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ***омӯхта шудани*** вазъи ҷуғрофию маъмурии Данғара, ташкил ёфтани ноҳияи Данғара, масоили иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар замони шуравӣ, ҳаёти фарҳангӣ ва дастовардҳои ноҳия дар замони шуравӣ, таъсири буҳрони иқтисодию иҷтимоӣ ба ноҳияи Данғара, тадбирҳо ва омилҳои асосии ба ноҳияи саноатӣ табдил додани он, ташаккули низоми таҳсилоти касбӣ, таҳаввулот дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии ноҳия;

-***аз нав такмил додани*** омӯзиши вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар замони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ, заминаҳои моддӣ ва дурнамои иқтисодиёти ноҳия, дурнамои рушди соҳаҳои маориф ва фарҳанг.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

***-коркард ва ҷорӣ карда шуданд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавии илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмию амалии олимони ҷавон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ дар шакли маъруза баён гардидаанд;

***- муайян карда шуд*** ки мавод, мазмуни асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот зимни тарҳрезии масъалаҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара, раванди таълим ва омӯзиши фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик» ва курсҳои махсус оид ба таърихи давраи навтарин ба таври васеъ истифода бурда шавад. Ғайр аз ин, маводи таҳқиқи мазкур метавонад зимни навиштани асарҳои алоҳида, брошюра ва мақолаҳои алоҳида истифода шавад. Хулосаҳои таҳқиқот ва таҳлилҳои илмии дар рисола ҷойдошта барои нишон додани вазъи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар замони шуравӣ ва истиқлол ҳангоми таълифи асарҳои ҷомеи бунёдӣ оид ба таърихи кишвар, вилояти Хатлон метавонанд мавриди истифода қарор гиранд;

- ***офарида шуд:*** бори нахуст дар доираи як рисолаи илмӣ вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар замони шуравӣ ва давраи истиқлолият мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт;

***- муаррифӣ карда шуд:*** вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар ду давраи таърихӣ: замони шуравӣ ва истиқлолият.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки** дар таҳияи диссертатсия дақиқияти маълумот, кофӣ будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои мавзуи таҳқиқшаванда истифода гардида, хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

***-ғояи*** таҳқиқот дар заминаи ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳуҷҷатгузории соҳавӣ ва нишондиҳандаҳои марбут ба соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вобаста буда, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ ***асоснок шудааст;***

- ***истифода шудаанд:*** маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ, маводи мақомоти ҳукуматӣ ва ташкилоту муассисаҳое, ки фаъолияти онҳо бевосита ба соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара алоқамmanданд, асарҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ;

***-муайян шудаанд:*** ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони шуравӣ, сарчашмаҳо ва роҳҳои асосии рушди иқтидори истеҳсолии ноҳияи Данғара ҳамчун маркази калонтарини кишоварзӣ, таъсири бuҳрони сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии охири давраи шуравӣ ва

ибтидои замони истиқлол ба вазъи умумии ноҳия, таҳаввулоти ҷиддии миқдорию сифатии дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони истиқлол ба вуқуъ омада, омилҳо ва заминаҳои асосии ба як маркази саноатии ҷумҳурӣ табдил ёфтани ноҳияи Данғара, самтҳои афзалиятноки фаъолияти муассисаҳои илмию таълимӣ, аз ҷумла макотиби олии ноҳия ва раванди тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар замони истиқлол; нақши муассисаҳои фарҳангии ноҳия дар тарбияи ҷаҳонбинии дунявӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихию миллӣ, болоравии сатҳи маърифати аҳолии ноҳия дар замони соҳибистиқлолӣ;

- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои муносибати комилу системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих маъмул – таърихият, пайвастагии хронологӣ ва мантиқии баёни воқеаҳо, масъалагузорӣ, қиёси назарӣ, шаффофият ва воқеият дар асоси далелҳо, пайвастагии хронологӣ-мантиқӣ ва равиши омехтаи соҳавӣ кор гирифта шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои илмии нашргардида ва маълумоти матбуоти даврӣ роҷеъ ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар замони шуравӣ ва истиқлол (1921–2021) таҳқиқоти маҷмӯии нисбатан мукаммали илмиро бори аввал дар таърихнигории ватанӣ ба анҷом расонидааст. Дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиши сарчашмаҳои мухталиф, адабиёти илмӣ муҳаққиқ таърихи давраи навтарини яке аз калонтарин ноҳияҳои ҷумҳурӣ, маркази калони агросаноатии кишвар ноҳияи Данғараро пешниҳод намудааст.

Дар маҷлиси 12 ноябри соли 2025 (аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар ҳузур доштанд) шурои диссертатсионӣ қарор қабул намуд, ки ба Шодмонзода Орзу Шодмон дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) 5 нафар. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих — Бобоев Х.Ю.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси таърих — Мирзоев Ш.Ҷ.

12 ноябри соли 2025